**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО**

**«Тасдиқ шудааст»**
дар ҷаласаи Шӯрои олимони ДДТТ ба номи
Абӯалӣ ибни Сино
аз «_____»______________№_____
раиси Шӯрои олимон д.и.т., профессор
**________ Гулзода М.Қ.**
«_______»_______________с.2018

# НИЗОМНОМАИ

## МАРКАЗИ ТАШХИСИЮ ТАБОБАТИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

**Душанбе 2018**

# I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Маркази ташхисию табобатии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино (минбаъд Марказ) мувофиқи Қарори Шӯрои олимони донишгоҳ аз 25.12. с.2008, таҳти №5 дар заминаи дармонгоҳи донишҷӯён ва профилакторияи донишгоҳ таъсис дода шуда, муассисаи ташхисию табобатӣ дар сохтори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино мебошад, ки дар он ёрии ташхисӣ, табобатию профилактикӣ ва машваратӣ ба донишҷӯён, кормандони донишгоҳ, аҳолии шаҳри Душанбе ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ расонида мешавад.

1.2. Фаъолияти Марказ дар асоси Қонунгузории соҳаи тандурустӣ ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Низомномаи мазкур амалӣ мегардад.

1.3. Барои хизматрасонии тиббӣ ба донишҷӯён, азназаргузаронии донишҷӯён ва кормандон маблағгузории Марказ аз ҳисоби буҷаи Донишгоҳ амалӣ карда мешавад. Манбаҳои иловагии маблағгузории Марказ аз ҳисоби расонидани кӯмаки музднокии ташхисию табобатӣ ва машваратӣ ба аҳолӣ дар доираи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ», ёрии бебозгашт аз тарафи фондҳои хайриявӣ, ташкилоту корхонаҳо ва шахсони алоҳида, инчунин дигар манбаҳое, ки Қонунгузории ҷумҳурӣ иҷозат медиҳад, сурат мегирад.

1.4. Марказ мувофиқи талаботи Раёсати донишгоҳ ва меъёрҳои амалкунандаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакл ва вақти муайяншуда ҳисобот оид ба корҳои ташхисию табобатӣ ва профилактикӣ пешниҳод менамояд.

1.5. Хизматрасонии Марказ тибқи қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» аз 2-юми декабри соли 2008 таҳти № 600 ба роҳ монда мешавад.

1.6. Марказ дорои ҳудуд, бино, таҷҳизот, муҳри мудаввар ва штампи кунҷӣ мебошад.

1.7. Номи расмии Марказ

- бо забони тоҷикӣ: Маркази ташхисию табобатии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;

- бо забони русӣ: Лечебно-диагностический центр Таджикского государственного медицинского университета имени Абуали ибни Сино.

1.8. Суроғаи Марказ: ш. Душанбе, кӯчаи Самад Ғанӣ 3.

## II. ҲУҚУҚҲОИ МАРКАЗ

Марказ дорои чунин ҳуқуқҳо мебошад:

2.1. Дар доираи қонунҳои амалкунанда мувофиқи вазифа ва уҳдадориҳои дар Низомнома зикршуда нақшаи фаъолияти худро тартиб дода, онро дар амал татбиқ намояд;

2.2. Ба раёсати донишгоҳ нисбати боз ҳам хубтар ба роҳ мондани корҳои ташхисию табобатӣ ва машваратию профилактикӣ дархосту пешниҳодоти худро ирсол намояд;

2.3. Дар асоси Низомномаи мазкур реҷаи корӣ ва вазифаю ӯҳдадориҳои кормандонро муайян намояд;

2.4. Барои мукаммал таъмин намудани ташхису табобатии донишҷӯён, кормандон ва дигар ниёзмандон аз намудҳои муолиҷаи муосиру пешрафтаи илми тиб истифода барад;

2.5. Расонидани ёрии машваратӣ ба занҳои ҳомила фақат барои кормандон ва донишҷӯёни ДДТТ ва бақайдгирии онҳо бо тартиб додани ҳуҷҷатҳои зарурӣ;

2.6. Дар доираи Иҷозатномаи Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Марказ метавонад дар шароити қисми беморхонавӣ ташхису табобати бемориҳои зеринро анҷом диҳад:

- бемориҳои ҷарроҳии умумии калонсолон ва кӯдакон;

- бемориҳои урологӣ;

- бемориҳои дарунӣ;

- беморихҳои травматологӣ ва ортопедӣ;

- беморихҳои амрози занона;

- беморихҳои гуш, гулӯ ва бинӣ;

-беморихҳои асаб.

-ҳуҷайрадармонӣ

## III. УХДАДОРИХҲОИ МАРКАЗ

3.1. Таъмин намудани ташхису табобат ва пешгирии беморихҳои донишҷӯён ва кормандони донишгоҳ;

3.2. Ба мақсади саривақт ошкор ва пешгирӣ намудани беморихҳои гуногун ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ дар байни донишҷӯён ва кормандони донишгоҳ;

3.3. Дар фаъолияти ташхисию табобатӣ ва машваратию профилактикӣ татбиқ ва истифода намудани дастовардҳои самарабахши тибби муосир ва олимони донишгоҳ;

3.4. Расонидани кӯмаки машваратӣ ва ташхисию табобатӣ ба донишҷӯён, кормандон ва дигар ниёзмандон;

3.5. Ташкил ва гузаронидани муоинаи тиббии кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ;

3.6. Дар сатҳи зарурӣ гузаронидани диспансеризатсияи донишҷуён ва кормандони бемор;

3.7. Аёдат ва аз рӯи имконият расонидани кӯмаки тиббӣ ба кормандони бемор, маъюб ва собиқадорони донишгоҳ;

3.8. Дар доираи санадҳои меъёрӣ хизматрасонии самараноки ташхисию табобатӣ ва машваратии музднок ба аҳолӣ.

## IV. ВАЗИФАҲОИ МАРКАЗ

4.1. Саривақт ва сифатнок расонидани кӯмаки ташхисию табобатӣ ва машваратӣ ба донишҷӯён, кормандони донишгоҳ ва дигар ниёзмандон;

4.2. Бақайдгирӣ ва таҳлили гирифторшавии донишҷӯён ва кормандони донишгоҳ ба беморихҳои гуногун;

4.3. Ба таври мунтазам ва бо тартиби муайяншуда амалӣ намудани муоинаҳои тиббии донишҷӯён, довталабон ва кормандони донишгоҳ ва аз натиҷаи он пешкаш намудани ахбори муфассал ба раёсати донишгоҳ;
4.4. Ба таври шартномавӣ ва дар доираҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ гузаронидани муоинаҳои тиббии донишҷӯёни дигар мактабҳои олии воқеъ дар шаҳри Душанбе ва корхонаву муассисаҳо дар асоси шартнома;
4.5. Гузаронидани назорати диспансерии донишҷӯёни гирифтори бемориҳои музмин ва ба назорати диспансерӣ эҳтиёҷдошта;
4.6. Таҳлили корношоямии муваққатии донишҷӯёну кормандони донишгоҳ ва ба онҳо додани маълумотнома оид ба корношоямии муваққатӣ;
4.7. Бақайдгирӣ ва таҳлили вазъи саломатии донишҷӯёне, ки бо сабабҳои беморӣ ба рухсатии академӣ мераванд ва ё пас аз рухсатӣ таҳсилро давом медиҳанд;
4.8. Гузаронидани чорабиниҳои эмкунӣ ва зиддиэпидемӣ дар донишгоҳ;
4.9. Таблиғи тарзи ҳаёти солим дар байни донишҷӯён ва кормандони донишгоҳ;
4.10. Мунтазам мукаммал намудани таҷҳизоти ташхисию табобатӣ ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои тибби муосир ва олимони донишгоҳ;
4.11. Дар доираи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, имкониятҳо ва дар ҳамкорӣ бо кафедраҳои клиникии донишгоҳ ба роҳ мондани хизматрасонни тиббӣ дар шароити статсионари Марказ ва таъмин намудани ёрии зарурии дармонгоҳӣ ба беморон ва ашхоси ниёзманд тибқи ҷадвали тасдиқгардида;
4.12. Дар асоси шартнома дар шароити статсионар ва ҳуҷраҳои ташхисии Марказ ба роҳ мондани хизматрасонии мукаммали ташхисию табобатии музднок аз ҳисоби омӯзгорону профессорони кафедраҳои клиникии донишгоҳ;
4.13. Мусоидат намудан ба такмили ихтисоси кормандон ва баланд бардоштани дараҷанокии тахассусии онҳо.

# V. СОХТОР ВА ИДОРАКУНИИ МАРКАЗ

5.1. Марказ аз ҳуҷраҳои машваратӣ, статсионари дорои 30 кат, бахши ташхисӣ– ҳуҷраҳои ташхиси функсионалӣ, ултрасадоӣ, эндоскопӣ, озмоишгоҳи клиникӣ ва биокимиёвӣ, кабинети ташкилию-методӣ, бахши маъмурию хоҷагидорӣ иборат мебошад;

5.2. Сохтор ва бастҳои кории Марказ бо пешниҳоди директори он аз тарафи ректори донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

5.3. Васеъ шудани доираи фаъолияти Марказ ва тағйири сохтори он вобаста аз талабот ва имкониятҳо дар мувофиқа бо ректори донишгоҳ амалӣ мегардад.

5.4. Идоракунии Марказ аз тарафи директор амалӣ мегардад, ки мувофиқи Оинномаи донишгоҳ ва Низомномаи мазкур фаъолият мекунад;

5.5. Директори Марказ мувофиқи тартиби муайяншуда бо фармоиши ректори донишгоҳ ба вазифа таъйин ва озод карда шуда, аъзои раёсат ва узви Шӯрои олимони донишгоҳ мебошад;

5.6. Директор ба ҳама самтҳо фаъолияти Марказ–ташхисию табобатӣ, машваратию профилактикӣ ва хоҷагидорӣ ҷавобгӯ мебошад;

5.7. Ҳангоми набудани директор (бо сабабҳои узрнок) ӯҳдадориҳои ӯ ба зиммаи яке аз кормандони собиқадори Марказ вогузор карда мешавад;

5.8. Кормандони Марказ бо тавсия ва пешниҳоди директори Марказ аз тарафи ректори донишгоҳ таъйин ва озод карда шуда, вазифаҳои худро дар асоси Низомномаи мазкур ва дастурҳои вазифавӣ иҷро менамоянд;

5.9. Назорати ҷалб намудани мутахассисони варзидаи тамоми кафедраҳо барои муоина, машварат, муолиҷа ва ҷарроҳии беморон ба зиммаи директории Марказ гузошта шудааст;

5.10. Уҳдадориҳо ва вазифаҳои кормандони Марказ тибқи дастурҳои вазифавие, ки ректори донишгоҳ тасдиқ намудааст, муайян карда мешавад;

5.11. Кормандони Марказ уҳдадор ҳастанд:

- Реҷаи кории Марказро риоя намуда, вазифаҳои ба зиммадоштаро саривақт иҷро намоянд;

- Этикаи корманди тибро риоя намоянд;
- Дастуру супоришҳои раёсати донишгоҳ ва директори Марказро иҷро кунанд;

5.12. Назорати кормандони миёна ва хурди тиббӣ бар дӯши сарҳамшираи Марказ мебошад;

## VI. БАҚАЙДГИРӢ, ҲИСОБОТ ВА ТАФТИШИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

6.1. Марказ тибқи тартиби муайяншуда натиҷаҳои фаъолияти табобатӣ, молиявӣ ва хоҷагидории худро ба қайд гирифта, ба раёсати донишгоҳ дар доираи шакл ва мухлати муайнгардида ҳисоботи муфассал пешниҳод менамояд;

6.2. Директори Марказ ҳамасола оид ба фаъолияти Марказ дар ҷаласаи раёсат ва Шӯрои олимони донишгоҳ ҳисобот медиҳад;

6.3. Таҳлил ва санҷиши фаъолияти табобатӣ, молиявӣ ва хоҷагидории Марказ аз тарафи раёсати донишгоҳ тибқи нақша соле як маротиба амалӣ мегардад. Дар сурати зарурияти истеҳсолӣ санҷиши ғайринавбатии фаъолияти Марказ бо фармоиши ректори донишгоҳ гузаронида мешавад.

## VII. ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИДОРИИ МАРКАЗ

7.1. Марказ дорои ҳудуд ва бинои алоҳидаи аз ҷониби донишгоҳ ба вай вобаста карда шудае мебошад, ки дар он ҳуҷраҳои ташхисию табобатӣ, утоқҳои табибон, ҳуҷраҳо барои бемориони статсионар ва дигар сохторҳои маъмурию ёрирасон ҷойгир шудаанд;

7.2. Маъмурияти Марказ ба таври мунтазам дар ҳолати хуб нигоҳ доштани таҷҳизоти ташхисию табобатиро назорат намуда, иҷроиши қоидаҳои бехатарии техникӣ ва бехатарии зиддисӯхторро таъмин менамояд;

7.3. Таъминоти молиявии Марказ аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар доираи маблағҳои ҳамасола пешбинишаванда ва аз фаъолияти тиббии музднoки Марказ ба хазинаи донишгоҳ воридшаванда, маблағҳои хусусӣ донишгоҳ инчунин аз ҳамаи манбаҳои дар доираи қонунҳои ҷумҳурӣ амалкунанда, амалӣ мегардад.